**Резаахбор**

## Меъёри бозтамвил 1,0 банди фоизӣ баланд бардошта шуд

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №25, аз 27 апрели соли 2021 қарор оид ба муайян намудани меъёри бозтамвил дар сатҳи 12,0 фоизи солона қабул гардид, ки ин нисбат ба меъёри фоизи амалкунанда 1,0 банди фоизӣ зиёд мебошад. Қарори мазкур дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёт бо назардошти афзоиши фишорҳо ва интизориҳои таваррумӣ қабул карда шуд. Мақсад аз қабули қарори мазкур ин дар давраи миёнамуҳлат бозгардонидани сатҳи таваррум дар доираи ҳадаф ва ҳудуди муқарраршудаи он мебошад.

***Сатҳи таваррум ва омилҳои ба он таъсиррасон.*** Рӯйдоду пайомадҳои гуногуни манфии як соли охири ҷаҳон, бахусус авҷи пандемияи коронавирус (COVID-19) боиси афзоиш ёфтани номуайяниҳо ва ноустувориҳо дар бозорҳои молиявӣ ва фазои иқтисодиёти ҷаҳон, камшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, пайдоиши норасоии молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонии хӯроквори ва ашёи хом, коҳиши рушди соҳаи туризм, коҳишёбии тиҷорати байналхалқӣ, болоравии сатҳи нархҳо ва манфӣ гардидани интизориҳои таваррумии аҳолӣ дар аксари кишварҳои шарикони асосии савдо, инчунин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид.

Новобаста аз ин, айни замон барқароршавии иқтисодию молиявӣ ва афзоиши маҷмӯи талабот дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон ба қайд гирифта шуда, тамоюли рушди иқтисодиёти онҳо мушоҳида мегардад. Дар робита ба ин, аз ҷониби Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА)[1] дар соли 2021 рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар доираи 6,0 фоиз пешбинӣ карда мешавад.

Аммо, дар давоми семоҳаи якуми соли 2021 бо вуҷуди рушди иқтисодиёти кишвар, сатҳи нархҳои бештари молу ашёи хом ва маҳсулоти алоҳидаи кишоварзӣ, бахусус равған, шакар, гӯшти мурғ ва маводи сӯзишворӣ раванди болоравиро доранд. Баланд шудани маҷмӯи талабот, басташавии марзҳо ва маҳдудиятҳо дар ҳамлу нақли молу маҳсулот, муваққатан қатъ гардидани фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва коҳишёбии сармоягузориҳои мустақим аз омилҳое буданд, ки таъсири худро ба сатҳи нархҳо расониданд. Раванди қиматшавии маҳсулот дар аксари кишварҳои минтақа низ мушоҳида гардида, сатҳи таварруми солонаи онҳо аз доираи ҳадафи муқарраршуда зиёд ҷамъбаст гардиданд.

---

[1] IMF, World Economic Outlook, April 2021

Тибқи омори расмӣ сатҳи таваррууми солона дар моҳи марти соли 2021 ба 10,1 фоиз баробар гардид. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯроквори 13,3 фоиз, ғайрихӯроквори 7,4 фоиз ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 4,5 фоиз ба амал омад.

Ба ин раванд асосан афзоиши нархи маҳсулоти ниёзи аввалия, аз ҷумла маҳсулоти гӯштӣ, равғани рустанӣ, картошка, сабзӣ, шакар ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ, ки аз таъсири омилҳои берунӣ, мавсимӣ ва таклифотӣ вобастаанд, инчунин вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) ва дар ин замина, маҳдуд шудани ҳамлу нақл тавассути сарҳадҳои аксари давлатҳои шарикони савдо ва кам гардидани захираи баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ дар кишвар мусоидат намуданд.

***Интизориҳо ва хавфҳо.*** Дар соли 2021 бо назардошти таъсири пайомадҳои пандемияи коронавирус (COVID-19) ва эҳтимолияти идома ёфтани паҳншавии он, афзоиши маҷмӯи талабот дар тамоми кишварҳо ва дар ҷумҳурӣ, болоравии сатҳи нархҳои ҷаҳонии молу маҳсулоти хӯрокворӣ, афзоиши нархи маводи сӯзишворӣ ва таъсири манфии дигар омилҳо фишорҳои таваррумӣ боқӣ хоҳанд монд.

Дар семоҳаи якуми соли 2021 тибқи тадқиқотҳои гузаронидашуда, бинобар тамоюли болоравии сатҳи нархҳо дар кишвар ва ҷаҳон, интизории аҳолӣ оид ба тағйирёбии сатҳи умумии нархҳо дар 12 моҳи минбаъда то 9,9 фоиз баҳодиҳӣ гардидааст.

Дар робита ба ин, дар соли ҷорӣ низ аз доираи ҳадафи муқарраршуда боло шудани сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ ва кишварҳои минтақа аз эҳтимол дур нест.

***Мавқеи сиёсати пулию қарзӣ.*** Бо назардошти омилҳои болозикр, бахусус бечтар гардидани вазъ ва дурнамои иқтисодиёти ҷаҳон, зиёд шудани фишорҳои таваррумӣ, болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ва баланд будани интизориҳои таваррумии аҳолии кишвар аз ҷониби аъзоёни Кумита пешниҳод гардид, ки меъёри бозтамвил ҳамчун фишанги калидии сиёсати пулию қарзӣ ба андозаи 1,0 банди фоизӣ зиёд карда шуда, дар сатҳи 12,0 фоизи солона муқаррар карда шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуҳлат идома хоҳад дод.